# Беҳтарин сафҳои мардон сафҳои аввал ва бадтаринашон сафҳои охир аст. Ва беҳтарин сафҳои занон, сафҳои охир ва бадтаринашон сафҳои аввалашон аст

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд. "Беҳтарин сафҳои мардон сафҳои аввал ва бадтаринашон сафҳои охир аст. Ва беҳтарин сафҳои занон, сафҳои охир ва бадтаринашон сафҳои аввалашон аст."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки беҳтарин сафҳои мардон дар намоз, сафҳои аввали онҳо мебошанд, зеро онҳо ба имом наздиканд, қироаташро хуб мешунаванд ва аз занон дуртаранд. Бадтарин сафҳои мардон, сафҳои охиранд, ки аз фазилат ва аҷру савоби сафҳои пеш дуртаранд. Чун ки аз мақсади шариат дуртаранд. Беҳтарин сафҳои занон, сафҳои охири онҳо аст, чун барои онҳо пӯшиш ва дурӣ аз мардонро бештар таъмин мекунад ва сабаби дурии фитна мегардад. Бадтарин сафҳои занон, сафҳои аваланд, зеро ба мардон наздиканд ва эҳтимоли фитна зиёд аст.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee